# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-087-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № 2

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.08.2026, № 9

Барои сазовор донистани Ёрбекова Заррина Мардонқуловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ бо протоколи №4, аз 27-уми майи соли 2026 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-087-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Точикистон аз 31-уми январи соли 2025, тахти №50/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна 18-уми январи соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ёрбекова Заррина Мардонқуловна соли 2011 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро аз руйи ихтисоси забоншинос, муаллими забони англисӣ ва олмонӣ хатм карда, аз соли 2014 то 2025 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2025 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи филологияи англис кору фаъолият карда истодааст.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна солҳои 2023-2026 ба ҳайси унвонҷӯӣ кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба корҳои таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозиёева Гулмо Парвонашоевна.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Холов Аълохуҷа Сайнозимович** – номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи Шарки МДТ «Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит»

**Муассисаи пешбар:** Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи таърихи адабиёт Юсуфов Умриддин Абдукофиевич, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёт Давлатова Холида Муллошоевна, котиби илмии ҷаласа – ходими илмии шуъбаи таърихи адабиёт Шарипова Шоҳзода Абдухоликовна пешниход шудааст ва бо имзою мухри директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Фарангис Худоӣ тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонкуловна, ки ба мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» бахшида шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт, асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ёрбекова, З.М. Сотим Улугзода и Уильям Шекспир (переводческий вклад) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – № 4 (105). – С. 127-135 (бо ҳаммуаллифӣ).

[2-М]. Ёрбекова, З.М. Масъалаҳои таърихӣ-муқоисавии осори Ҳофиз ва Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (106). – С. 117-120.

[3–М]. Ёрбекова, З.М. Ҳофиз ва Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Хоруғ, 2023. – №2(26). – С. 3-7.

[4-М]. Ёрбекова, З.М. Муштаракоти ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 216-221.

[5–М]. Ёрбекова, З.М. Тавсифи ишқ аз нигоҳи Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2026. – № 3 (122). – С. 206-211.

[6–М]. Ёрбекова, З.М. Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир – ғазалсароёни ҷаҳон [Матн] / З.М. Ёрбекова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Хоруғ, 2026. – №1 (05). – С. 49-56.

**II.Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7–М]. Ёрбекова, З.М. Адабиёти татбиқӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ дар он (дар заминаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Маҷмуи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Авлавияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар дар низоми хизмати давлатӣ: таҳкими салоҳияти рақамӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 24 апрели соли 2026. – С. 312-336.

[8–М]. Ёрбекова, З.М. Ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар шароити

бисёрфарҳангӣ (дар заминаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир) [Матн] / З.М. Ёрбекова // Маҷмуи маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами Филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 30 апрели соли 2026. – С. 280-288.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи Ҷумъақулов Ҷамшед Панҷиевич** – номзади илмҳои филологӣ (PhD), муаллими калони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мусбат буда, диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳоди зерин манзур намудааст:

   1. Ба андешаи мо дар автореферат ҳаёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир камтар омӯхта шудааст.
   2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

2. **Тақризи Рустамова Гуландом Рустамовна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон низ мусбат буда, таҳқиқоти диссерататсионии диссертантро аз нигоҳи илмӣ пурарзиш муаррифӣ намудааст ва нуктаҳои зеринро барои беҳтар шудани сифати рисола пешниҳод кардааст:

   1. Баъзе таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ, ба мисли зерфасли сеюми боби дуюм хусусияти умумӣ доранд, ба фоидаи кор мешуд, ки саҳми мустақими муаллиф дар онҳо ба таври равшан ҷудо карда мешуд.
   2. Агар дар зерфасли «Шуҳрати ҷаҳонии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир» роҷеъ ба муҳити адабии Ҳофизи Шерозӣ шарҳи бештар дода мешуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

3. **Тақризи Боқиев Ҳамза Олимович** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ низ мусбат буда, рисолаи диссертант Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро иешниҳод кардааст:

   1. Дар муқаддима масъалаи таъсири бевоситаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ба эҷодиёти Вилям Шекспир зикр шудааст, аммо дар ҳамин

қисмат далелҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамади тасдиққунандаи чунин таъсир ба таври кофӣ нишон дода нашудаанд.

2. Дар баъзе мавридҳо андешаҳои марбут ба ҳамгунӣ ва муштаракоти осори Ҳофиз ва Шекспир хусусияти умумӣ дошта, беҳтар мебуд дар автореферат намунаҳои мушаххаси муқоисавӣ низ оварда мешуданд.

4. **Тақризи Муҳаммадхоҷа Назар** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ мусбат буда, рисолаи диссертант Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

1. Дар зерфасли дувуми фасли аввали боби севум «Тасвири май дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» диссертант ба тасвири май дар сонетҳои Вилям Шекспир камтар таваҷҷуҳ намудааст.

2. Дар матни автореферат хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар расиданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Ёрбекова Заррина Мардонқуловна бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ-таърихии ба омӯзишу баррасии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир пардохта, кори илмии арзишмандро **ба анҷом расонидааст**;
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, ҳамчунин асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарҷумаҳои мухталифи Шарқу Ғарб **анҷом шудааст**;
- ҷойгоҳи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дар адабиёти ҷаҳон ва тамаддуни башарӣ **мушаххас карда шудааст**;
- ба омӯзишу таҳлили муқоисавии ғазалиёт ва сонетҳо аз назари хусусиятҳои ғоявӣ, мавзуӣ ва бадеӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, ҳунари шоирии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир **нишон дода шудааст**;
- ҳофизшиносӣ ва шекспиршиносӣ ҳамчун самти ҷудогонаи адабиётшиносии муосир ва дурнамои рушди онҳо **муайян карда шудааст**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар он зоҳир меёбад, ки ин кори таҳқиқӣ дар омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои дигари марбут ба ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, таъйин намудани вижагиҳои ғоявию бадеӣ ва ҳунари шоирии онҳо мусоидат карда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии донишмандон ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, В.М. Жирмунский, А.Н. Веселовский, В.Г. Белинский, М. Морозов, А.Ferguson Аникс, С.Ф. Олденбург, Д.С. Лихачев, М.А. Барг, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, А. Афсаҳзод, С. Саъдиев, Х. Шарифов, Н. Исмоилзода, В. Самад, А. Сатторзода, Ҷ. Бобокалонова, Н. Нурҷонов, М. Зайниддинов, Ш. Исрофилниё, М. Раҳимова, Г. Шозиёева ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ ва сохтори осори адабӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба барқарорсозии таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, мазмун ва хусусиятҳои ғазалу сонетҳо арзиши муҳим доранд. Маводди фароҳамомада ва хулосаву пешниҳодҳои Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро дар вақти навиштани мақола, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, омӯзиши масъалаҳои марбут ба таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ва таъйини ҷойгоҳи адабии ин ду шоири ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир, воқеан, шоирон ва нобиғагони адабиёти ҷаҳон маҳсуб ёфта, дар офаридани ғазал ва ғазалгунаҳо (сонетҳо) саҳм гузошта, дар адабиёти ҷаҳони унвони баланди шоириро ба даст овардаанд. Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир бо осори пурғановати худ, бахусус, ғазал ва сонет, ки дорои вижагиҳои ғоявӣ,

адабӣ ва бадеии баланд мебошанд, дар дарозои таърих наслҳои зиёди инсониятро тарбия менамоянд. Ҳамаи ин нуктаҳои муҳим бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шуда, бо гузоришу нашри мақолаҳои диссертант дараҷаи эътимоднокии таҳқиқро тақвият бахшидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ** дар он зоҳир гардад, ки муаллиф бори нахуст масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро мавриди таҳқиқ қарор дода, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариро ба шакли мақолаҳои илмӣ интишор намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар баррасии мавзуъ, масъалаҳои меҳварӣ ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқи амалӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф бо истифода аз равишҳои илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-087-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 6-уми августи соли 2026 дар бораи сазовор донистани Ёрбекова Заррина Мардонқуловна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар, аз ҷумла 5 нафар номзадону доктори илм, аз руйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои иштирокдошта дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – **Нест**, бюллетенҳои беэътибор – **Нест**.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ М.М. Аламшоев

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Беҳроншо
06.08.2026